**МАЪЛУМОТ**
**оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти**
**Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва корхонаҳои авиатсионии кишвар дар нимсолаи якуми соли 2024**

Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, талаботу қоидаҳои Ташкилоти байналмилалии авиатсияи гражданӣ (ИКАО), Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қоидаҳои авиатсионии кишвар ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда, як қатор корҳоро дар нимсолаи якуми соли 2024 анҷом додааст.

***Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ***
***тавассути нақлиёти ҳавоӣ***

Дар нимсолаи якуми соли 2024 аз фурудгоҳҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои хориҷи дуру наздик як ширкати ҳавопаймоии ватанӣ ҶДММ "Ширкати ҳавопаймоии Сомон Эйр" ва 12 ширкати ҳавопаймоии хориҷӣ *("Ют Эйр", "Уральские авиалинии", "Северный ветер", "Сибирь-S7", "Ямал"-и Федератсияи Россия, "Эйр Астана"-и Ҷумҳурии Қазоқистон, "Ўзбекистон ҳаво йуллари"-и Ҷумҳурии Ўзбекистон, "Флай Дубай"-и Аморати Муттаҳидаи Араб, "Туркиш Эйрлайнз"-и Ҷумҳурии Туркия, "Вориш Эйрлайнз"-и Ҷумҳурии Исломии Эрон, "Ҷазира Эйрвейз"-и Давлати Қувайт )* парвозҳои мунтазамро иҷро намудаанд.

Ҳамзамон, дар нимсолаи якуми соли 2024 фурудгоҳҳои байналмилалии кишвар ҳамагӣ ба 1 млн 667 ҳазору 900 мусофир хизмат расонидааст, ки ин нишондиҳанда нисбат нимсолаи якуми соли гузашта 35 ҳазору 800 нафар ё 36% кам мебошад.

Теъдоди хатсайрҳо бошад дар нимсолаи якуми соли 2024 ба 5 ҳазору 787 хатсайр анҷом дода шуд, ки ин нисбат ба нимсолаи якуми соли гузашта 238 хатсайр ё 2,3% кам мебошад.

**Ҷадвали 1.** Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ тавассути нақлиёти ҳавоӣ дар нимсолаи якуми соли 2024

| № | Корхонаҳои авиатсионӣ | Теъдоди хатсайр (адад) | Хизматрасонӣ ба мусофирон (млн. ҳаз. нафар) | Интиқоли бор ва почта (тонна) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | ҶСК "Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе" | 4070 | 1 141 | 1325 |
| 2 | ҶСК "Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд" | 1294 | 391,4 | 118,9 |
| 3 | ҶСК "Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб" | 296 | 94,8 | - |
| 4 | ҶСК "Фурудгоҳи байналмилалии Бохтар" | 127 | 40,7 | - |
| ***ҳамагӣ: фурудгоҳҳои байналмилалӣ*** | | ***5787*** | ***1667,9*** | ***1443,9*** |
| 1 | ҶДММ ШҲ "Сомон Эйр" | 1568 | 482,5 | 577,3 |

**ҶСК “Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе”** дар нимсолаи якуми соли 2024 ба 1 млн 141 ҳазор мусофир хизмат расонидааст, ки аз ин шумора 537 ҳазору 434 нафараш мусофирони омад ва 603 ҳазору 510 нафарашро мусофирони рафта ташкил медиҳад, ки мусофирони нимсолаи якуми соли 2024 нисбат ба мусофирони нимсолаи якуми соли гузашта 142 ҳазору 515 мусофир, ё 14,3% зиёд мебошад.

Миқдори умумии бор ва почтаи аз ҷониби терминали боркашонии ҶСК “Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе” қабулгардида ва интиқолдодашуда, дар нимсолаи якуми соли 2024 – 1325 тоннаро ташкил дод, ки аз ин шумора 185,8 тона бори содироти ва 1139,2 тонаро бори воридотиро ташкил медиҳад, ки борҳои нимсолаи якуми соли 2024 нисбат ба нимсолаи якуми соли гузашта 231,5 тонна, ё 14,9% фоиз кам мебошад.

Дар нимсолаи якуми соли 2024 шумораи умумии хатсайрҳои хизматрасонидашуда 4070 ададро ташкил дод, ки аз ин шумораи хатсайрҳои хизматрасонидашуда 3839 адад хатсайрҳои мунтазам ва 231 адад хатсайрҳои чартери мебошад, ки хатсайрҳои нимсолаи якуми соли 2024 нисбат ба нимсолаи якуми соли гузашта 308 адад, ё 8,2 фоиз зиёд мебошад.

Парвозҳо дар фурудгоҳи Душанбе аз ҷониби 13 ширкати ҳавопаймоӣ амалӣ мегардад, аз ҷумла, 5 ширкати ҳавопаймоии мамлакатҳои хориҷии дур *(Флай Дубай”-и Аморати Муттаҳидаи Араб, “Туркиш Эйрлайнз”-и Ҷумҳурии Туркия, “Вориш Эйрлайнз”-и Ҷумҳурии Исломии Эрон, “Ҷазира Эйрвейз”-и Давлати Қувайт ва “Бута Эйрвейз”-и Ҷумҳурии Озарбойҷон), 7 ширкати ҳавопаймоии мамлакатҳои Иттиҳоди давлатҳои Мустақил (“Ют Эйр”,*

*“Уральские авиалинии”, “Северный ветер”, “Сибирь-S7”, “Ямал”-и Федератсияи Россия, “Эйр Астана”-и Ҷумҳурии Қазоқистон, “Ӯзбекистон ҳаво йуллари”-и Ҷумҳурии Ӯзбекистон)* ва 1 ширкати ватании ҶДММ “Сомон Эйр” ба амал оварда мешавад.

Дар нимсолаи якуми соли 2024 парвозҳо **дар ҶСК “Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд”** аз ҷониби 6 ширкати ҳавопаймоӣ, аз ҷумла 1 ширкати ҳавопаймоии миллӣ ва 5 ширкати ҳавопаймоии хориҷӣ хатсайрҳо амалӣ гардиданд, ки аз ҷумла: ширкатҳои ҳавопаймоии “Ют Эйр”, “Уральские авиалинии”, “Северный ветер”, “Сибирь-S7” ва “Ямал”-и Федератсияи Россия.

Дар нимсолаи якуми соли 2024, шумораи умумии хатсайрҳои хизматрасонидашуда 1294 ададро ташкил дод, ки аз ин шумораи хатсайрҳои хизматрасонидашуда 1251 адад хатсайрҳои мунтазам ва 43 адад хатсайрҳои чартери мебошад. ки хатсайрҳои нимсолаи якуми соли 2024 нисбат ба нимсолаи якуми соли гузашта 74 адад, ё 6% зиёд мебошад.

ҶСК “Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд” дар нимсолаи якуми соли 2024 ба 391 ҳазору 371 мусофир хизмат расонидааст, ки аз ин шумора 185 ҳазору 33 нафараш мусофирони омад ва 206 ҳазору 338 нафарашро мусофирони рафтаро ташкил дода, мусофирони нимсолаи якуми соли 2024 нисбат ба нимсолаи якуми соли гузашта 95 ҳазору 573 мусофир, ё 19,6% кам мебошад.

Миқдори умумии бор ва почта аз ҷониби анбори тиҷоратии фурудгоҳ қабулгардида ва интиқолдодашуда дар нимсолаи якуми соли 2024 – 118,9 тонаро ташкил дод, ки аз ин шумора 4,7 тона бори содиротӣ ва 114,2 тонаро бори воридоти ташкил медиҳад, ки борҳои нимсолаи якуми соли 2024 нисбат ба нимсолаи якуми соли 2023 -70 тон., ё 143,1% зиёд мебошад.

Дар нимсолаи якуми соли 2024 **ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб»** парвозҳои мунтазам танҳо аз ҷониби як ширкати ҳавопаймоии Россия “Уральские авиалинии” анҷом дода шуданд, ки дар ин давра ба 94 ҳазору 826 мусофир хизмат расонида шудааст, ки аз ин шумора 40 ҳазору 255 нафараш мусофирони қабул ва 54 ҳазору 571 нафараш мусофирони гуселро ташкил медиҳад, ки мусофирони нимсолаи якуми соли 2024 нисбати нимсолаи якуми соли гузашта 57 ҳазору 241 мусофир, ё 37,7% кам мебошад. Ҳамзамон, дар ин давра дар фурудгоҳи мазкур ба бор хизмат расонида нашудааст.

Дар нимсолаи якуми соли 2024, шумораи умумии хатсайрҳои хизматрасонидашуда 296 ададро ташкил дод, ки хатсайрҳои мунтазам буда, хатсайрҳои чартерӣ вуҷуд надорад. Хатсайрҳои нимсолаи якуми соли 2024 нисбат ба нимсолаи якуми соли 2023 – 188 хатсайр ё 38,8% кам мебошад.

Қайд менамоем, ки дар нимсолаи якуми соли 2024 дар фурудгоҳи мазкур ягон ҳолати дер омадани бағоҷ, дуздӣ, норасоӣ ва осебёбӣ ба қайд гирифта нашудааст ва теъдоди ҳодисаҳои батаъхирмонии парвозҳо 29 ададро ташкил додааст, ки аз ин 24 хатсайр бо сабаби дер омадани ҳавопаймо, 2 хатсайр бинобар сабаби боду ҳаво, 3 хатсайр бинобар сабабҳои техникӣ мебошад.

**Дар нимсолаи якуми соли 2024 ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Бохтар»** аз ҷониби 2 ширкати ҳавопаймоии “Северный ветер” ва “Авиакомпания Сибирь”-и Федератсияи Россия парвозҳои мунтазам анҷом доданд, ки дар маҷмӯъ ба 40 ҳазору 695 мусофир хизмат расонида шудааст, ки аз ин шумора 18 ҳазору 513 нафараш мусофирони омад ва 22 ҳазору 182 нафарашро мусофирони рафта ташкил медиҳад, ки шумораи мусофирони нимсолаи якуми соли 2024 нисбат ба нимсолаи якуми соли гузашта 25 ҳазору 527 мусофир, ё 38,5% кам мебошад. Ҳамзамон, дар ин давра дар фурудгоҳи мазкур ба бор хизмат расонида нашудааст.

Дар нимсолаи якуми соли 2024 ҶСК “Фурудгоҳи байналмилалии Бохтар” ба 127 адад хатсайр хизматрасонӣ намуд, ки хатсайрҳои мунтазам буда, хатсайрҳои чартерӣ вуҷуд надорад. Хатсайрҳои нимсолаи якуми соли 2024 нисбати нимсолаи якуми соли гузашта 63 адад ё 33% кам мебошад.

**ҶСК “Тоҷик Эйр”** дар нимсолаи якуми соли 2024 бинобар сабаби корношоям будани ҳавопаймоҳо парвозҳои мунтазам дар хатсайрҳои таъинотӣ амалӣ нагардид.

Дар ҶСК “Тоҷик Эйр” ба ҳолати 30 июни соли 2024 аз рӯи ҷадвали басту вазифаҳои корӣ шумораи кормандон 178 нафарро ташкил медиҳад, ки аз онҳо 58 корманд ба кор ҷалб карда шуда, 116 нафар корманд дар рухсатии бемузди меҳнатӣ, 3 нафар дар рухсатии нигоҳубини кӯдак ќарор дошта, 8 нафар дар асоси шартномаи хизматрасонӣ фаъолият менамоянд.

Бинобар надоштани ҳавопаймои коршоям Ҷамъият парвозҳои мунтазамро дар хатсайрҳои таъинотӣ иҷро накарда истодааст.

Айни замон ҶСК “Тоҷик Эйр” бо мақсади рушди ҳамкориҳои мутақобилан судман дар соҳаи авиатсияи гражданӣ тариқи лизинг ба иҷора гирифтани 2 адад ҳавопайморо ҷиҳати барқарорсозии фаъолияти истеҳсолӣ ва оғози парвозҳо бо намояндагони якчанд ширкатҳои ҳавопаймоӣ мулоқот карда истодааст.

Дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ танҳо парвозҳои махсус бо чархболҳои Ми-8 АМТ ду парвоз ва Ми-172 як парвоз анҷом дода шуданд.

**ҶДММ “Ширкати ҳавопаймоии Сомон Эйр”** дар нимсолаи якуми соли 2024 тавассути хатсайрҳои мунтазами байналмилалӣ ва чартерӣ 482 ҳазору 500 мусофир интиқол додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 122 ҳазору 550 мусофир, ё 34,1% зиёд мебошад.

Тавассути хатсайрҳои дохилӣ 60 ҳазору 410 мусофирро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 15 ҳазору 400 нафар, ё 34,2% зиёд мебошад.

ҶДММ “Ширкати ҳавопаймоии Сомон Эйр” дар нимсолаи якуми соли 2024 парвозҳои мунтазам ва транзитиро аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самтҳои Туркия, Арабистони Саудӣ, Аморати Муттаҳидаи Араб, Эрон, Федератсияи Россия, Қазоқистон, Хитой, Олмон, Ӯзбекистон, Ҳиндустон иҷро намуд, ки 60% интиқоли мусофиркашониро самти Федератсияи Россия иҷро намудааст.

Инчунин, дар нимсолаи якуми соли 2024 аз ҷониби ширкати ҳавопаймоии “Сомон Эйр” 570 тонна бор 7,4 тонна почта интиқол дода шудааст, ки ин нисбат ба нимсолаи якуми соли гузашта 47,5 тонна, ё 9% зиёд мебошад.

Дар нимсолаи якуми соли 2024 парвозҳои ҷуфти байналмилалӣ 1568 ададро ташкил дод, ки нисбат ба нимсолаи якуми соли гузашта 345 адад, ё 28,2% зиёд мебошад.

**КВД “Тоҷикаэронавигатсия”** дар нимсолаи якуми соли 2024 ба 33 ҳазору 379 адад киштиҳои ҳавопаймоӣ хизмат пешкаш намудааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба нимсолаи якуми соли гузашта 8 133 адад, ё 32% зиёд мебошад ва сабаби зиёд гардидани парвозҳо нисбат ба соли гузашта ин дар барқарор гардидани иҷроиши парвозҳои ширкатҳои ҳавопаймоӣ ва зиёд гардидани ҷуғрофияи парвозҳо буда, илова ба ин аз ҷониби ширкатҳои ҳавопаймоии хориҷиву ватанӣ шумораи бештари парвозҳои транзитӣ иҷро карда шуданд. Дар ин давра теъдоди парвозҳои транзитӣ 22 038 ададро ташкил медиҳад, ки нисбат ба нимсолаи якуми соли гузашта 9 119 адад, ё 70,5% зиёд мебошад.

КВД “Тоҷикаэронавигатсия” мутобиқ ба «Барномаи давлатии рушди комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2011 №165, тасдиқ шудааст, таҷҳизоту воситаҳои кӯҳнашудаи аэронавигатсиониро навсозӣ намуда, ҷиҳати беҳтар намудани хизматрасониҳои аэронавигатсионӣ як қатор таҷҳизотҳои навигатсионӣ, алоқавӣ ва дигар воситаҳои асосӣ харидорӣ гардид.

Дар ин маврид таҷҳизотҳои ниёз ба барқароркунидошта ба таъмир фаро гирифта шуда, ба ҷойҳои зарурӣ васлу насб гардонида шуданд, ки ин амал барои таъмини бехатарии парвози киштиҳои ҳавопаймоӣ дар ҳудуди фазои ҳавои ҷумҳурӣ таъсирӣ мусбӣ хоҳад расонд.

Дар нимсолаи якуми соли 2024 бо якчанд шарикони рушд вохурӣ оид ба дурнамои ҳамкориҳои муштарак гузаронида шуд, ки муҳимтарини онҳо дар ҳошияи Саммити Сарони кишварҳои аъзои CANSO “Ҷаҳони фазои ҳавоии Airspace-World -2024” дар шаҳри Женеваи Шветсария, бо роҳбарияти минтақавии ИКАО оид ба ҳамкориҳои муштарак дар соҳаи авиатсия ва бо роҳбарияти Ташкилоти ҳаракати ҳавоии Департаменти минтақавии аврупоии бехатарии парвоз ва истифодаи ҳавопаймоии Ассотсиатсияи байналмилалии нақлиёти ҳавоӣ (IATA) оид ба мусоидат намудани ширкатҳои ҳавопаймоӣ дар масири нави Тоҷикистону Чин ва таҳкими ҳамкориҳои муштарак бо ИАТА, ба ҳисоб меравад.

### *Ҳамкориҳои дуҷонибаи байналмилалӣ*

Дар нимсолаи якуми соли 2024 бо мақсади рушди соҳаи авиатсияи граждани, густариши ҳамкориҳои дуҷониба, тавсеаи ҳамкориҳо бо мақомоти авиатсионии хориҷи кишвар, васеъ намудани ҷуғрофияи парвозҳо, ҷалби сармояи хориҷӣ, афзоиш додани хатсайрҳои байналмилалӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои назаррас ба анҷом расонида шуда, санаи 16 феврали соли 2024 вохӯрии маҷозӣ бо намояндагони мақомоти авиатсионии давлати Ҳиндустон барои зиёд намудани хатсайрҳо ва

ба роҳ мондани парвозҳои мустақим бо Малайзия мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Инчунин, санаи 26 феврали соли 2024 дар Агентӣ тибқи даъватномаи Лоиҳаи ҳамкории молиявӣ (IFC) дар Тоҷикистон вохӯрӣ бо Ноиби Директори ширкати ҳавопаймоии “Pegasus Airlines “- и Туркия доир гардид, ки дар вохӯрии мазкур масъалаҳои ба роҳ мондани парвозҳо дар хатсайри Хуҷанд - Истанбул, Кулоб - Истанбул, Душанбе - Анталия ва Душанбе - Анқара мавриди муҳокима қарор дода шуданд.

Ҳамзамон, бо мақсади дар амал татбиқ намудани тавсияҳои Бонки Умумиҷаҳонӣ бо намояндагони бонки мазкур якчанд маротиба вохӯриҳо баргузор карда шуд. Дар вохӯриҳои мазкур тавсияҳои Бонки Умумиҷаҳонӣ вобаста ба ҷорӣ намудани сиёсати “Осмони кушод” дар фазои ҳавоии Тоҷикистон, паст намудани арзиши хизматрасониҳои фурудгоҳӣ ва ба талаботи Ташкилоти байналмилалии авиатсияи гражданӣ мутобиқ намудани соҳаи авиатсияи гражданӣ мавриди муҳокима қарор дода шуданд.

## Созишномаҳои байналмилалӣ оид ба алоқаи ҳавоӣ

Бояд қайд намуд, ки дар доираи ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар самти авиатсияи гражданӣ, бо 28 кишварҳои хориҷи дуру наздик созишномаҳо оид ба алоқаи ҳавоӣ ба имзо расонида шудааст, ки аз онҳо 9 кишвари ИДМ (Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Белорус, Украина, Озарбойҷон, Туркманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Арманистон ва Ӯзбекистон) 7 кишвари Аврупо (Фаронса, Люксембург, Олмон, Австрия, Чехия, Латвия ва Туркия) ва 12 кишвари Осиё (Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон, Чин, Покистон, Тайланд, Арабистони Саудӣ, Баҳрайн, Қатар, Қувайт, Корея ва Салтанати Умон) мебошанд.

Айни замон, лоиҳаҳои созишномаҳо оид ба алоқаи ҳавоӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳуриҳои Финляндия, Шри-Ланка, Ветнам, Малайзия, Молдова, Шоҳигарии Арабистони Сауди, Сингапур, Миср, Кипр ва Литва дар баррасии ҷонибҳо қарор доранд.

Созишномаи байни Тоҷикистон ва Маҷористон барои парафгузорӣ омода мебошад. Лоиҳаҳои Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Кипр, Ҷумҳурии Миср, айни замон мавриди баррасӣ қарор доранд.

Лоиҳаи “Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Шоҳигарии Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ оид ба алоқаи ҳавоӣ” тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №169, аз 28 марти соли 2024 ҷиҳати ба имзо расонидан омода мебошад.

Бояд қайд намуд, ки шумораи кормандони воқеии корхонаҳои соҳаи авиатсияи гражданӣ 3769 нафар мебошанд, ки аз ин шумора, дар КВД “Тоҷикаэронавигатсия” 489 нафар, дар ҶСК “Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе” 1404 нафар, дар ҶСК “Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд” 870 нафар, дар ҶСК “Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб” 291 нафар, дар ҶСК “Фурудгоҳи байналмилалии Бохтар” 154 нафар , дар ҶСК “Тоҷик Эйр” 178

нафар ва дар ҶДММ "Ширкати ҳавопаймоии Сомон Эйр" 383 нафарро ташкил менамояд.

***Васеъ намудани ҷуғрофияи парвозҳо***

Дар нимсолаи якуми соли 2024 ҷадвали парвозҳои ҶДММ "Ширкати ҳавопаймоии Сомон Эйр ба 20 самт, ба 12 кишварҳои хориҷи дуру наздик (Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Аморoти Муттаҳидаи Араб, Туркия, Ҳиндустон, Олмон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Арабистони Саудӣ ва Ҷумҳурии Гурҷистон), ки дар асоси таъинот мунтазам парвозҳоро ба фурудгоҳҳои байналмилалии Душанбе ва Хуҷанд иҷро менамоянд, дар мавсими баҳору тобистони соли 2024 бо зичии зиёда аз 52 парвоз дар як ҳафта тасдиқ карда шуд.

Дар ин давра ҷадвали парвозҳои ширкатҳои ҳавопаймоии хориҷӣ ба 13 кишвари хориҷи дуру наздик аз он ҷумла; (Федератсияи Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Аморoти Муттаҳидаи Араб, Арабистони Сауди, Давлати Қувайт, Туркия, Германия, Эрон, Ҳиндустон, Гурҷистон, Покистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин) бо зичии зиёда аз 204 парвоз дар як ҳафта тасдиқ карда шуд, ки дар асоси таъинот мунтазам парвозҳоро ба фурудгоҳҳои байналмилалии Душанбе, Хуҷанд, Бохтар ва Кӯлоб иҷро менамоянд.

Бо мақсади афзоиш додани ҷуғрофияи парвозҳо роҳбарияти Агентии авиатсияи граждани мунтазам вохӯриҳо, мулоқотҳои дуҷонибаро бо ҳамтоёни хориҷии худ, ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ ба роҳ монда, минбаъд низ ҷиҳати тақвияти ҳамкориҳо чораҳои дахлдорро меандешад.

Агентии авиатсияи граждани дар оянда низ ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоиди рақобатпазир барои фаъолияти ширкатҳои ватанию хориҷӣ ва бартараф намудани монеаҳои рушди соҳаи авиатсияи граждани, дар асоси дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳоро бо маъмуриятҳои авиатсионии кишварҳои хориҷи дуру наздик ва вазорату идораҳои дахлдор ба роҳ монда, кӯшиш ба харҷ менамояд, ки нишондиҳандаҳои омории соҳавиро марҳила ба марҳила боз ҳам афзоиш диҳад.